- омӯхтани равандӣ фаъолсозии механикии консентрати сулфидии сурмадори кони Ҷиҷикрут, муайян кардани шароити оптималии коркарди консентрат дар раванди зикргардида;
- гузаронидани раванди сӯзонидани хлоридии консентрати ба таври механикӣ фаъолшудаи консентратҳои сулфидии сурма бо хлориди натрий ва калсий, муқаррар намудани шарти ба даст овардани дараҷаи баланди истихроҷи сурма;
- коркарди усули ҳалкунии маҳсулоти сӯхташудаи хлоридии консентрати сулфидии сурмадор бо истифода аз кислотаи сулфат;
- коркард ва муқаррар намудани шароити оптималӣ бо роҳи электролиз аз маҳлули сулфати сурма ба даст овардани сурмаи ниҳоӣ.

Маълумоти асосӣ ва пойгоҳи таҷрибавӣ.

Базаи иттилоотӣ ҷустуҷӯи корҳоро дар мавзӯи рисола тавассути маҷаллаҳои илмӣ бо истифода аз системаҳои байналмилалии иттилоотӣ фаро мегирад (ҷучтутҷӯи маводҳои соҳавӣ дар вебсайти ESPACENET ба роҳ монда шудааст). Кор дар заминаи пойгоҳи таҷрибавии кафедраи металлургияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, дар лабораторияҳои Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди тоҷику амрикоии «КМ Анзоб»,

Институти физикаю техникии ба номи С.У. Умарови АМИ Тоҷикистон ва дар лабораторияи марказии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» иҷро гардидааст.

Навоварии илмии кори диссертатсионӣ иборат аст аз:

- муайян карда шуданд, ки шартҳои оптималии усули ба таври механикӣ фаъолсозии консентрати сулфидии сурмадори кони Ҷиҷикрути «КМ Анзоб» ба баланд шудани кобилияти реаксионии консентрат ва қариб ду баробар барои тезонидани гузариши реаксия мусоидат мекунанд;
- таҳлили термодинамикии равандҳои асосии химиявие, ки хангоми сӯзонидании хлорриронии консентрати сулфидии сурмадор ба амал меоянд гузаронида шуд. Эҳтимолияти баланди термодинамикии ба амал омадани равандҳои сӯзонидани хлориронӣ бо хлориди натрий ва калсий муқаррар карда шудааст. Таҳлили муқоисавӣ эҳтимолияти бештар ва самаранокии истифодаи хлориди калсийро ҳамчун реагенти хлордор нишон медиҳад;
- раванди хлорронии консентратҳои сулфидии сурмадори фаъолсозии механикишуда бо хлориди натрий ва калсий кор карда баромада, чорӣ карда шудааст. Шароити оптималии гузаронидани раванд дар ҳарорати пасти 450-500°С дар муқоиса бо технологияи анъанавӣ (1100-1200°С) муайян карда шуд;
- параметрҳои оптималии физикию кимиёвии реаксияи ҳалкунии маҳсулоти баъд аз сӯзиши хлорронӣ ҳосилшудаи консентрати сурма бо кислотаи сулфат муайян карда шуданд, ки дар ин сурат ба маҳлул гузаштани миқдори зиёди сурма ба даст оварда мешавад;
- нақшаи асосии технологии равандҳои сӯзонидани хлорронӣ ва ҳалкунии маҳсулоти баъд аз сӯзиш ҳосилшуда бо истифода аз кислотаи сулфат тартиб дода шудаанд;
- режими оптималии ба даст овардани сурмаи металлӣ аз маҳлули сулфати сурма (III) муайян карда шуд.

Аҳамияти назариявии тадқиқот. Ҷанбаҳои назариявии равандҳои фаъолгардонии механикии консентратҳои сулфидии сурма ва электролизи сулфати сурма, таҳлили термодинамикии равандҳои асосии ҳангоми хлориронии консентратҳо ба амал омада баррасӣ мешаванд.

Аҳамияти амалӣ. Пешниҳод ва амалигардонии усули муштараки ба даст овардани навъи стандартии сурма (Су2) аз консентрати механикӣ фаъолшудаи сулфиди сурма бо роҳи сӯзонидани хлорронӣ, ҳалкунии маҳсулоти сӯхташуда бо истифода аз кислотаи сулфатӣ ва электролизи маҳлули сулфати сурма (III) ба роҳ монда шуд. Раванди сӯзонидани хлорронӣ бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ дар ҳарорати 450—500°С гузаронда мешавад, ки ин нисбат ба технологияи анъанавии истеҳсолот ҳарорати коркарди раванд хеле паст буда, қобилияти кушодашавии консентрат ва табдил додани пайвастагиҳои сурма ба навъҳои технологии коркардшуда беҳтар мегардад. Имкониятҳо барои партофтани партовҳо ва истифодаи дубора дар давра, дар сурати мавҷуд набудани партовҳои газ пешбинӣ шудаанд ва ба ҷои партоваҳо маҳсулоти саноати истеҳсол гардидааст.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳо се нахустпатент доир ба ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда, дар ҶДММ ТА КМ «Анзоб» ва КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» санади татбиқ дар истеҳсолот ба даст оварда шудааст.

Муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда:

- хусусиятҳои технологии раванди коркард ва ба таври механикӣ фаъолсозии консентрати сулфидии сурмадори кони Ҷиҷикрут;
- натиҷаҳои омӯзиши раванди хлориронии консентрати ба таври механикӣ фаъолшудаи сулфиди сурма бо истифода аз хлоридҳои натрий ва калсий, беҳтар намудани кушода будани консентрат ва шароити оптималии раванд;
- натиҷаҳои омӯзиши раванди ҳалкунии маҳсулоти баъд аз сӯзиш ҳосилшуда бо истифода аз кислотаи сулфат. Шароити оптималии раванд, ки дар он максимум истихроҷ ва ҳалшавии пайвастагиҳои сурма ба даст оварда мешавад;
- нақшаҳои фундаменталии технологии коркарди консентрати сурмаи фаъолгардида бо ҳалкунии кислотаи хлорид тартиб дода шудаанд;
- натиҷаҳои тартиб додани нақшаи технологии раванди электролиз ва муайян кардани шароити оптималии раванд.

Саҳми шахсӣ аз иштироки бевосита дар тамоми марҳилаҳои кор иборат аст: мураттабсозии мавзӯъ, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили адабиётҳои соҳавӣ оид ба мавзӯи рисола. Ҳангоми гузарондани таҷриба дар ҳамаи даврaҳои марҳилаи коркард навъи сурмаи металӣ аз консентрати ба таври механикӣ фаъолшудаи сулфиди сурма бо роҳи сӯзонидани хлорронӣ, ҳалкунии маҳсулоти сӯхташуда бо истифода аз кислотаи сулфат ва электролизи маҳлули сулфати сурма (III) ба даст оварда шуд. Дар диссертатсия ыабули ьисобгирии коркард, таьлили маълумотьои тажрибавц ва маълумотьои ьисобц, хулоса ва маводьои нашршударо дар бар мегирад.

Тасвиб (апробатсия)-и рисола ва маълумотҳо оид ба истифода ва натиҷаҳои он

Тартиботи асосӣ ва натиҷаи кор дар конфронсҳои илмӣ амалии зерин пешниҳод ва муҳокима гардидааст:

байналмилалӣ: Муассисаи давлатии илмии «Маркази тадқиқоти технологияҳои инноватсионӣ» дар АМИТ (Душанбе, 2020, 2022); «Шароит ва мушкилоти асосии саноати кӯҳӣ ва металлургии Тоҷикистон» (Бӯстон, 2020); «Нақши Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (Славянӣ) дар ташаккул, рушди илм ва маорифи инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қисми II. - Душанбе: ДДТТ, 2021); Форуми саноатии «Қадамҳои устувор барои рушди саноати миллӣ», бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (Бӯстон, 2021); «Мушкилоти муосири саноати металлургӣ», (Душанбе, ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ, 2021); «Шароит ва мушкилоти асосии саноати кӯҳӣ ва металлургии Тоҷикистон (Бӯстон, 2022); «Нашриёти V байналмилалии китоби «Беҳтарин олими ҷавон-2022», Ҷумҳурии Қазоқистон, (Нур-Султон, 2022); «Истифодаи захираҳои табиӣ, экология ва рушди устувор» дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор 2018-2028», (Бӯстон 2022); «Проблемаҳои муосири илмҳои дақиқ дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои саноати кӯҳӣ ва металлургии кишвар», (Бӯстон, 2023); Институти байналмилалии тадқиқоти пешқадами ба номи. М.В. Ломоносов, (Омск, 2023); «Технологияҳои инноватсионии истихроҷ ва коркарди маъданҳои фоиданок», (Бустон, 2023); «Тадқиқот ва татбиқи металлургияи камкарбон ва ҷустуҷӯи усулҳои нави истеҳсолот бо истифода аз энергияи сабз» (Донишгоҳи ҷанубии марказӣ, Чанша, Чин, 2023); XVIII Нуъмоновский «Инкишофи химияи муосир ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он» (Душанбе, 2023); «Инкишофи самтҳои нави химия ва технологияи химия», бахшида шудааст. Академик Х.Сафиев, (ДМТ, Душанбе, 2023); Конференсияи байналмилалии

«Энергетика-Замин-муҳит-муҳандисӣ», Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ба номи Ислом Каримов, UJICY (Маркази инноватсионии Ӯзбекистон-Япония барои ҷавонон), (Тошкент, Ӯзбекистон, 2023);

ҷумҳуриявӣ: «Ҳамгироии фанҳои геометрӣ – графикӣ, дақиқ ва техникӣ дар омодасозии муҳандисон» бахшида ба 30 – солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Бӯстон 2021); «Ташкили ҳамлу нақли технологии борҳо дар конҳои кушоди маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Бӯстон, 2022); «Коркарди самарабахши металлургия, экология ва рушди устувор» (Бустон 2023);

Натиҷаҳои диссертатсия дар ҶДММ «ТА» «КМ Анзоб», Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» (дорои санади татбиқи ҷоришавӣ) мавриди истифода қарор гирифта, барои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшҳои он, муассисаҳои лоиҳакашӣ ва муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муфид мебошад. Натиҷаҳои ба даст овардашударо дар донишгоҳҳои техникӣ ва факултетҳои технологӣ ҳангоми тайёр кардани мутахассисон оид ба профилҳои металлургӣ, химия, химияю технология ва энергетикӣ истифода бурдан мумкин аст.

Се нахустпатент доир ба ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаст.

Интишор: Дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашуда 37 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла маҷаллаҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5, Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия – 2, Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон-3, ИМА - 1, 3 (се) нахустпатент доир ба ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 23 мавод дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

Сохт ва ҳаҷми рисола: Рисолаи номзадӣ аз муқаддима, чор боб, хулосаҳо ва замимаҳо иборат мебошад. Рисола дар 167 саҳифа ҷой гирифта, 24 ҷадвал ва 38 адад расмҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки аз 161 номгӯй иборат аст, дар бар мегирад.

МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

Дар муқаддима далелҳои актуалӣ будани мавзӯъ оварда шуда, мақсад ва вазифаҳои рисола, моҳияти илмӣ ва амалии кор нишон дода шудаанд.

Дар боби якум дар бораи вазъияти ҳозира ва дурнамои истеҳсоли сурма дар Тоҷикистон ва берун аз он маълумот дода мешавад. Гуфта мешавад, ки Тоҷикистон дар тавлиди сурма дар ҷаҳон яке аз мақомҳои пешқадамро ишғол мекунад. Дар бораи конҳо ва навъҳои маъданҳои сурмадор, дар бораи тамоюли технологии аз маъдани асосӣ-антимонит ҳосил кардани сурма, дар бораи дурнамои истифодаи сурма ва пайвастагиҳо маълумот дода мешавад. Ояндабинии истеҳсоли сурма дар Тоҷикистон ва вазифаҳо барои оянда муҳокима карда шуданд.

Боби дуюм ба таснифи ашёи хоми сурма ва нақшаи коркарди онҳо бахшида шудааст. Мувофиқи талаботи коркарди металлургӣ ашёи хоми сурмаро (консентратҳо) аз рӯи таркиби сурма ба таври шартӣ ба каммаҳсул (то 25 фоиз), миёна (25-45 фоиз) ва сермаҳсул (зиёда аз 45 фоиз) тақсим кардан мумкин аст. Аз рӯи дараҷаи оксидшавии сурма ба сулфид, ки дар таркибаш на камтар аз 80 фоизи метали умумиро дар шакли Sb_2S_3 дорад; сулфид-оксидшуда (оксид-сулфид), ки 20-80% дорад ва оксид мешавад, ки дар таркиби металлҳо дар оксидҳо аз 80% зиёданд.

Кони Ҷиҷикрут асосан аз стибнит (Sb_2S_3) ва кинавар (HgS) иборат буда, дар таркибаш марказит (FeS_2), арсенопирит (FeAsS) ва маъданҳои ғайриметаллӣ низ мавҷуданд. Тақрибан 15% сурма дар шакли оксид мавҷуд аст. Дар таркиби маъданҳо миқдори зиёди металлҳои нодир ва асил, махсусан таллий, тилло ва нуқра мавҷуданд.

Технологияи ғанисозии маъдан дар ҶДММ ТА «КМ Анзоб» тавсиф шудааст. Қайд карда мешавад, ки коркарди консентратҳои сулфиди сурма бо усулҳои анъанавии пиро- ва гидрометаллургия сурат мегирад. Бояд қайд намуд, ки дар раванди сӯзиши оксидгардоние, ки ҳоло дар истеҳсоли металли сурма аз консентрат истифода бурда мешавад камбудиҳои зерин ба назар мерасад:

1. Барои аз шакли сулфидӣ ба шакли оксидӣ гузаштани консентрати коркардшаванда ҳарорати 1100-1200^{0}C сарфа мешавад;
2. Ба атмосфера миқдори зиёди гази SO_2 хориҷ мегардад;
3. Маҳсулоте, ки баъди раванди сӯзиши оксидгардонӣ ба даст оварда мешавад ба раванди гудозиши барқароркунӣ равона мегардид. Ин раванд низ дар ҳарорати 1100-1200^{0}C гузаронида мешавад. Ба сифати барқароркунанда карбон илова карда мешавад ва дар натиҷа миқдори зиёди гази CO ва CO_2 хориҷ мегардад, ки аз лиҳози экологӣ хеле зараррасон мебошад.

Маълумоти соҳавӣ оид ба раванди хлориронии дистилятсионӣ, хусусиятҳои усулҳои пиро ва гидрометаллургии коркарди маъданҳои сулфиди сурма, усули ҳалкунии хлоридҳо бо иштироки хлориди оҳан (III) оварда шудаанд.

Дар ***боби сеюм*** маълумоти назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқотии усулҳои фаъолсозии механикии минералҳо ва сӯзонидани хлорронии консентрати сулфидии сурмадор оварда шудаанд.

Ба таври механикӣ фаъолгардонии маъданҳо ва консентратҳо боиси қобилиятнокии ҳосилкунии компонентҳои асосии ашёи хом дар шароитҳои технологияи марҳилаи навбатии истеҳсолот - сӯзонидани хлорронӣ ва ҳалкунии маҳсулоти сӯхташуда дар шароити муътадил мегардад.

Натиҷаи фаъолгардонии механикӣ ин тарғйирёбии сатҳи хоси мавод ва қувваи дохилии заррачаҳои маводҳои коркардшаванда ба шумор меравад. Коркарди механикии мавод на танҳо ба “ камшавии андозаи зарра, ки ба хурдшавии мавод, балки ба вайроншавии алоқаи химиявӣ, ки онро ҳамчун воҳиди том нигоҳ медорад ва боз кардани руйпуш, заррачаҳои руйпӯшашон тоза, аз сохти атомӣ марказҳои бойи гуногуни ба гузариши реаксияи тайёр оварда мерасонад”.

Дар айни замон маълумотҳои муайяни эксперементалӣ дар бораи тадқиқоти фаъолгардонии механикии минералҳои гуногун гирд оварда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки майдакунии консентратҳои сулфидии сурмадор алалхусус дар осиёби марказгурези планетарӣ дар реҷаи ба хурдашавӣ ва дар совиш ба зиёдшавии энергияи калоидии фаъоли рӯйпӯши хоси зарра оварда мерасонад.

Бо зиёдшавии намудҳои нуқсон дар сохтор косташавии алоқа дар панҷараи кристалӣ мушоҳида карда мешавад. Тарғйирёбӣ дар сохтор ва хосияти зарра, ки баъди фаъолгардонии механикии консентрат ба вуҷуд меояд дар ТРФ ва ИК-спектометрия муайян карда мешавад.

Таснифоти зерини фаъолшавии механикӣ пешниҳод шудааст: механикихимиявӣ - агар энергияи тавлидшуда ва ҷамъшуда дар фаъолкунанда ба таъсири мутақобилаи химиявӣ мусоидат намояд; фаъолсозии механикии қаблан агар энергия барои табдил додани берун аз

фаъолкунанда истифода шавад. Усули калориметрӣ бо роҳи чен кардани афзоиши ибтидоии ҳарорат дар барабани осиёб аз гармӣ изолятсияшуда пешниҳод карда мешавад. Бо баҳодиҳии энергияи фаъолкунандаи механикӣ муқаррар карда шуд, ки 90-95 фоизи энергия ба энергияи гармӣ табдил ёфта, боқимондааш барои табдил додани материали коркардшуда сарф мешавад.

Мо маълум кардем, ки ба таври механикӣ фаъолгардонии консентратҳои сулфидии ҶДММ ТА «КМ Анзоб» аз бисёр чиҳат фоиданок аст. Қобили зикр аст, ки консентрати сулфиди сурма бо роҳи ғанисозии флотатсия дар комбинати маъдантозакунӣ ба даст оварда мешавад. Барои истихроҷи сурма ва симоб, ксантогенати калий (150-170 г/т), селитра, сурб (160-180 г/т) ва равғани санавбар истифода мешаванд. Самаранокии истихроҷи маъданҳо ва металлургияи кӯҳӣ аз ҷудошавии ҷузъҳои алоҳидаи минералӣ ва таъсири сатҳи онҳо вобаста аст. Истеҳсоли консентратҳои флотасионӣ, ки андозаи зарраҳои даҳҳо микрон доранд, барои кори оптималии бисёр равандҳои гидрометаллургӣ номумкин аст.

Фаъолгардонии механикӣ як усули инноватсионист, ки дар он беҳбудии равандҳои гидрометаллургӣ тавассути омезиши майдони нави сатҳ ва ташаккули нуқсонҳои кристаллии маъданҳо ба даст оварда мешавад. Хусусан ҷанбаҳои экологии ин равандҳо ҷолибанд.

Дар адабиёт ҳисоби математикии назарияи миқдори зарурии энергияро коркард кардаанд, ки он бояд дар маводҳои коркардшуда ҳангоми ба таври механикӣ фаъолгардонӣ (ΔE_{Off}) барои муваффақона кушодани минералҳои сулфидии металҳои нодир дар асоси маълумотҳои таҳлили системавии сулфидӣ ва минералҳои оксидӣ барои устувории механикӣ бо ёрии ҳарорат ва зичии энергия коркард мешаванд. Усули баҳодиҳии қобилияти реаксия аз миқдори энергия ва ҳолати энергетикии панҷараи кристалии минералҳои сулфидии металлҳои вазнин ва нодир баъди фаъолгардони бо ёрии TPC муайян карда шуда аст, ки аз қонуниятҳои тағйирёбии ғунҷоиши энергия (ΔEa) вобаста мебошад.

Усулҳои интенсивии гуногуни таҷзияшавии минералҳои оксидӣ ва сулфидии металлҳои нодир коркард карда шудаанд. Муқаррар карда шудааст, ки баъди флотатсия сатҳи заррачаи консентрати сулфидӣ бо реагентҳои флотатсионӣ пӯшонда мешавад. Аз ҷумла, зарраҳои маъдани сулфиди сурма (антимонит) бо ксантогенат, нефти Т-80, трибутилфосфат, гидратҳо ва сулфур пӯшонда мешаванд. Дар натиҷа кушодани консентрат душвор шуда, самараи равандҳои минбаъда умуман паст мешавад. Гузаронидани фаъолсозии механикии пешакии консентрати сулфидии сурмадор барои баланд бардоштани гузариши реаксия бо роҳи ба қабати рӯйпӯши заррачаҳои консентрат зарба задан ва ҳосилшудани тарқиш дар марказҳои он оварда мерасонад.


Тадқиқоти мо ба муайян кардани режимҳои оптималии фаъолгардонии пешакии механикии консентрати сурма (Sb_2S_3 ~ 49%) бахшида шудааст, ки онҳо пурратар кушода шудани консентрат ва ба маҳлул гузаштани пайвастагиҳои сурмаро таъмин мекунанд.

Хусусияти маводҳо ва усулҳои гузаронидани таҷриба

Фаъолгардонии зарраҳо дар осиёби планетарии марказгурези интиқолдиҳанда амалӣ мешавад. Фаъолгардонии заррачаҳо дар осиёби марказии амалкунандаи даврӣ, ки дар реҷаи зарбавӣ-пошдиҳанда бо суръатбахшии сентрифугаи саққоҳои диаметри ~5 мм (хӯлаи ВК-8) ~25 г кор мекард, гузаронида шуд. Фаъолсозии «хушк» (ордшавӣдар муҳити ҳавоӣ) дар таносуби саққоҳо ба консентрат бо вазни 1050: 50 г гузаронида шуд; фаъолсозии «тар» (ордкунӣ дар лойоба) дар таносуби саққоҳо: $m_{саққо}$:$m_{консентрат}$:$m_{об}$ =1000 : 50 : 50 г ва давомнокии 0,5 то 7 дақиқа гузаронида шудааст.

Таркиби консентрати сулфидии сурмадор

Дар ин кор консентрати сурмаи стандартии ТУ 3004 РТ 30530698.04.2004 ҶДММ ТА «КМ Анзоб» истифода шудааст. Намунаи консентрат барои таҳлил гирифта шуда, мувофиқи талаботи аз ҷониби умум қабулшуда омода карда шуд. Консентрати таҳлилшавандаи тамғаи КСуФ-3 намнокии 8,0 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили кимиёвии консентрат тавассути масс-спектрометрияи шарораи плазмаи индуктивӣ (ИСП-МС) бо истифода аз масс-спектрометри дуҷонибаи JMS-BM-2 (Ҷопон) барои таркиби металлҳои асосӣ (ваз.%) муайян карда шуд: Sb-48.12; Hg-0,58. Таркиби элементарӣ ва фазавии консентрат бо ёрии дифраксияи рентгенӣ муайян карда шуд: стибит Sb_2S_3 – 49,78; кинабар HgS - 30,74; сулфати оксиди сурма $Sb_6O_7(SO_4)_2$ – 19,47. Натичаҳои ТРФ (таҳлилӣ ренгенофазавӣ)-и консентрати сулфиди сурма дар расми 1 нишон дода шудаанд.



Расми 1. - Пиктограммаи консентрати сулфидии сурма пеш аз фаъолсозии механикӣ

Усули гузаронидани фаъолсозии механикии консентрати сулфидии сурмадор

Консентрати сулфидии сурмадори қаблан майдашуда то андозаи 0,074 мкм ба фаъолгардонии механикӣ барои зиёдшавии энергияи шиддати рӯйпуш дар натиҷаи бавуҷудоии микротарқишҳо, ки ба зиёдшавии қобилияти реаксионнии заррaҳо оварда мерасонад, дучор мешавад.

Фаъолгардонии механикии консентрати сурмадори сулфидӣ дар осиёи ЛАИР-015 иҷро шудааст.Таъсири механикӣ ба консентрат аз суръати чархзании осиё, лӯла, инчунин ҳаракати душвори троекторияи худи консентрат мегузарад. Дар зери шитоби марказгурез қуввaи вазни саққо ва консентрат дар даруни осиёб 35-45 маротиба энергияи механикиаш зиёд мешавад.

Бо мақсади ба даст овардани самараи фаъолгардонии механикӣ ва муайян кардани шарту шароити оптималии истихроҷи сурма аз консентрат силсилаи таҷрибаҳо дар сурати мунтазами чархзании осиёб гузаронида шуданд.

Таъсири омилҳои дигар дараҷаи пуршавии фазои дохилӣ (Z-ҳаҷм), осиёбҳо-фаъолкунанда, муносибати вазни саққоҳо ва консентрат ($М_С$: МК), давомнокии коркарди механикии консентрат омӯхта шуданд. Интихоби оптималии шароити равандҳои бо дараҷаи ҳосилкунии (α) сурма аз консентрати механикӣ фаъолкардашуда ба амал оварда шуд.


Шарти мусоиди фаъолкунии механикӣ инҳо иборатанд: нисбияти вазни саққо ба консентрат (5:1), дараҷаи пур кардани ҳаҷми лӯла бо саққо ($Z_К$) 0,023 ё 0,023. Вақти гузариши

раванд аз 0,5 то 7 дақиқа. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар баробари якхела будани дигар шароитҳо дараҷаи пур кардани фазои осиёб (Z-ҳаҷм)- осиёби фаъолкунанда бо консентрат ва саққо ҳаҷми Z-80% ба шумор меравад.

Барои ба даст овардани дараҷаи максималии (α)-истихроҷи сурма силсилаи таҷрибаҳо гузаронида шуданд. Вобаста аз омилҳои зерин фаъолсозӣ намудем: нисбияти массаи консентрат ($М_к$) ба массаи саққо ($М_ш$), ифода гашта бо $М_к$:$М_с$, вақти коркард ($τ_а$, мин.).

Бо хотимаи раванди фаъолгардонии механикии консентрати сулфидии сурмадор ба элаки сурохиаш r = 0,074 мкм бор карда мешавад, аз элак гузаштагӣ консентрат дар маҳлули NaOH дар мудати 3 соат дар ҳарорати T=90°C ва нисбияти массаи консентрат ($М_к$) ба массаи маҳлул баробар ба $М_к$:$М_м$=1:6 мебошад ҳал карда шуд. Миқдори сурма дар маҳлул бо усули атомц-абсорбсионӣ муайян карда шудааст.

Дараҷаи истихроҷи сурма вобастагии (α) аз консентрат дар асоси натиҷаҳои таҳлили химиявии таркиби сурма дар маҳлул ҳисоб карда шуд. Вобастагӣ (α) аз миқдори консентрат (Мк) ва вақти фаъолшавии механикӣ (та, мин.) мураккаб аст (расми 2). Дар расм нишон дода шудааст, ки дар муддати кӯтоҳ (хатҳои I ва II) фаъолшавии механикии консентрат дар Мк = 20 г миқдори максималии ҳосилгардида α = (10-12)% ба даст меояд ва эҳтимол раванди истихроҷи сурма дар минтақаи диффузияи берунии зарраҳо ба амал меояд. Ҳангоми бештар аз се дақиқа (хатҳои IV ва V) ба таври механикӣ ба кор андохтани як миқдори консентрат якбора баланд шудани дараҷаи истихроҷи сурма мушоҳида мешавад (α = 22% ва аз ин ҳам зиёд), ки на танҳо дар минтақаи диффузияи беруна, балки инчунин дар минтақаи диффузияи дохилии заррачаҳо низ таъсири худро расонид ва ҳосилнокӣ зиёд мегардад .



Расми 2. - Вобастагии дараҷаи истихроҷи (α) сурма аз миқдори консентрат (Мк) дар вақти (та, дақ.) фаъолшавии механикӣ: I-0,5; II-1,5; III-2,5; IV- 3,5; V-4.5

Баъди ба охир расидани раванди фаъолгардонии механикӣ консентрати фаъолшудаи сулфиди сурма бо реагентҳои гуногуни хлордор раванди сӯзонидани хлорронӣ мегузарад.

Раванди сӯзонидани хлорронии консентрати сулфидии сурмаи қаблан фаъолгардидаи механикӣ бо хлориди натрий

Усули пирометаллургие, ки барои коркарди маъданҳои сулфидӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад, ки аз нигоҳи самаранокӣ, экология ва сарфаи энергия тағйироти ҷиддиро талаб мекунад. Яке аз гаронтарин марҳилаҳои коркарди маъдан ҳангоми истихроҷи металлҳо ба ҳолати ҳалшаванда табдил додани онҳо мебошад. Маъдани сурма асосан дар шакли сулфидӣ мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ, барои ба шакли

ҳалшаванда табдил додани онҳо як қатор реаксияҳои химиявӣ гузаронидан лозим аст. Дар ин самт раванди сӯзонидани хлорионӣ барои коркарди маъданҳои сулфидии сурмаи кони Ҷиҷикрут бо назардошти мавҷудияти захираи бузурги хлориди натрий ва манбаи нисбатан арзони нерӯи барқ дар дохили кишвар самаранок аст.

Дар усули пирометаллургии коркарди маъданҳо раванди сӯзонидани хлорионӣ ба кор бурда мешавад, ки имкон медиҳад раванд дар шароитҳои нисбатан оптималӣ гузаронда шавад ва ба баланд шудани ҳосили маҳсулоти ниҳоӣ оварда расонад. Олимон хусусиятҳои кинетикии равандро бо хлори калий сӯзонидани халкопирит омӯхтанд. Самаранокии сӯзонидани хлорронӣ бо қаблан фаъолгардида ба кор андохтани маъданҳои полиметаллӣ, ки ба маъданҳои табиии Ҷумҳурии Точикистон хос аст, якбора меафзояд.

Таҳлили термодинамикии раванди сӯзондани хлорронии консентрати сулфидии сурмаи фаъолгардидаи механикӣ бо хлориди натрий ва калсий

Ҷиҳати илман асоснок кардан ҳар як раванди технологии химиявӣ, таҳлили термодинамикии асосҳои химиявии реаксияҳои имконпазири системаи тадқиқотшавандаро гузарондан лозим аст. Чунин таҳлил ба мо имкон медиҳад, ки барои коркарди комплексии маъданҳои минералӣ равандҳои эҳтимолитаринро баҳо диҳем, шароити оптималии ба вуҷуд омадани онҳоро муайян кунем. Объектҳои тадқиқоти мо - консентрати сулфидии сурмадори кони Ҷиҷикрут мебошад, ки баҳодиҳии термодинамикӣ аҳамияти калон дорад.


Дар адабиётҳои соҳавии илмӣ натиҷаҳои баҳодиҳии термодинамикии як қатор маъданҳои сулфиди металлҳои ранга оварда шудаанд. Имкониятҳои коркарди маъданҳои сулфиди металлҳои ранга бо роҳи сӯзонидани хлорронӣ бо хлориди натрий, додани ҳаво нишон дода шудаанд. Сулфидҳои металӣ ба хлоридҳо мубаддал мешаванд, ки онҳоро аз қисми дигари ҷинс ҷудо кардан мумкин аст. Дар ҳарорати 1100 К хлоридҳо дар шакли газӣ ҳастанд, ки ба осонӣ хориҷ мешаванд ва дар сатҳи сард конденсатсия мешаванд. Хлоридҳои конденсатшударо ҳал карда гирифтан мумкин аст, то аз дигар ғашҳо барқарор карда шаванд. Сулфур ба шакли Na_2SO_4 мегузарад ва аз ин рӯ партовҳои SO_2 ба ҳадди ақал кам карда мешавад.

Реаксияи асосии сӯзиши антимонитаро метавон ҳамчун муодилаи 3 (аз жадвали 1) навишт, ки дар он сулфиди сурма дар ҳузури оксиген то Sb_2O_3 оксид мешавад ва гази оксиди сулфурро ба вуҷуд меорад, ки барои пешгирӣ кардани партовҳои SO_2 ба атмосфера коркарди махсуси газро талаб мекунад. Роҳи имконпазири пешгирии партовҳои SO_2 ин табдил додани сулфур ба пайвастагиҳои сахт мебошад. Раванди хлорриронц дар металлургия барои ьосил намудани намаки хлориди металл маълум аст. Хлориди натрий ҳамчун пайвастагии арзон ва фаровон метавонад барои ин манбаи хлор хизмат кунад. Реаксияи хлоризатсияро дар ҳузури ҳаво гузаронидан мумкин аст, ки дар натиҷа ба сулфиди натрий ба вуҷуд меояд (муодилаи 1).

Дар расми 3(а) тағйирёбии энергияи озоди Гиббс вобаста ба ҳарорат барои реаксияҳои дар боло зикршуда нишон дода шудааст. Тавре ки дида мешавад, реаксияи хлоризатсия дар сурати набудани оксиген дар тамоми диапазони ҳарорат аз сабаби арзишҳои мусбати энергияи озоди Гиббс ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар, реаксияи сӯзиши дуюми хлоризатсия (муодилаи 1) як реаксияи имконпазир аст, ки ҳатто интизор

меравад, ки беҳтар аз реаксияи сӯзиши (муодилаи 3), махсусан дар ҳарорати пасттар иҷро шавад (расми 3.а).

Таркиби мувозинати реаксияи Sb_2O_3 дар ҳузури 4,5 мол оксиген (муодилаи 3) дар ҳароратҳои гуногун дар асоси кам кардани энергияи озоди Гиббс барои шароити изотермикӣ, изобарӣ ва массаи собит ҳисоб карда шуд (расми 3.б). Тавре ки интизор мерафт, қисми зиёди сулфур то SO_2 оксид мешавад. Мувофики график кариб 90%-и сулфур якбора поёнтар аз 100°C оксид мешавад ва 10%-и боиимонда то 600°C оьиста-оьиста оксид мешавад. Пешгӯии термодинамикӣ пайдоиши се оксиди сурмаҳои имконпазири Sb_2O_4, SbO_2 ва Sb_2O_3-ро бо тамоюлҳои гуногун дар ин диапазони ҳарорат нишон медиҳад. Дар расми 3(б) нишон дода шудааст, ки ташаккули ин се оксид ҳангоми ба 600 °C боло рафтани ҳарорат коьиш мегардад ва баъд аз он ташаккули Sb_4O_6-и идоранашаванда, ки тақрибан аз 510 °C оғоз меёбад, ба амал меояд.



Расми 3.- Тағйирёбии энергияи озоди Гиббс ҳамчун функсияи ҳарорат барои реаксияи сӯзиш, реаксияи хлоркунӣ ва реаксияи сӯзонидани хлорирони дар ҳузури оксиген (а), таркиби мувозинати реаксияи сӯзонидани антимонит ҳамчун функсияи ҳарорат(b), таркиби мувозинати хлорбандии антимонит дар ҳузури NaCl вобаста ба ҳарорат (c), таркиби мувозинати ҳангоми сӯзонидани хлорирони антимонит дар ҳузури оксиген вобаста ба ҳароратро зоьир менамоянд (d)

Дар расми 3(в) таркиби мувозинати реаксияи имконпазир байни Sb_2S_3 ва 6 мол NaCl нишон дода шудааст. Чунон ки дида мешавад, антимонит дар тамоми диапазони харорат бо хлориди натрий ба реаксия намеравад. Мувофиқи график, бухоршавии назарраси NaCl тақрибан дар 1040 ° C оғоз меёбад, аммо реаксия бо антимонит ҳатто дар ҳолати газӣ мушоҳида намешавад, ки ба расми 3 (а) мувофиқ аст, ьисобҳои мувозинати термодинамикӣ устувории гармии антимонитро то 220 °C ва имконияти назариявии диссосиатсияи Sb_2S_3 ба металлӣ Sb, Sb_2S_4 ва Sb_4S_3 дар ҳолати набудани оксиген дар ҳудуди ҳарорати 220–360 °C

(расми 3.с) нишон медиҳанд. Бояд гуфт, ки ьамаи сулфидьои сурма, ки баъд аз диссосиасия ьосил мешаванд, дар ьолати газнок мавжуданд.

Дар расми 3 (г) таркиби мувозинати маҳсулоти реаксияи имконпазир байни Sb_2S_3, 6 мол NaCl ва 6 мол O_2 мувофиқи муодилаи 1 (аз жадвали 1) нишон дода шудааст. Тавре ки дида мешавад, реаксияи имконпазири байни ин моддаҳо ба пешгӯии муодилаи 1 бо ҳамон маҳсулот, тақрибан то 400°С мувофиқат мекунад. Аз расми 3 (г) нишон медиҳад, ки бухоршавии хлориди сурма тақрибан дар 50°С оғоз мешавад ва $SbCl_3$ дар фазаи газ дар ҳарорати аз 160°С боло пурра кам карда мешавад. Ҳангоми аз 400°С боло рафтани ҳарорат реаксия бо роҳи алтернативӣ ҳаракат мекунад, ки ин боиси кам шудани ҳосилшавии $SbCl_3$ ва Na_2SO_4 ва зиёдшавии ҳосилшавии дигар маҳсулот ба монанди SO_2, SbO_2 ва Cl_2 мегардад. Ҳамин тавр, аз ҷиҳати назариявӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳарорати реаксия ҳарчи бештар ба 400°С наздик шавад, то суръати баланди табдилёбӣ ба даст ояд, ки ин ҳам аз ҷиҳати термодинамикӣ ва ҳам аз нуқтаи назари кинетикӣ манфиат меорад (расми 3г).

Маводҳо ва усулҳои ҳисобкунӣ. Оид ба объектҳои рисолаи мазкур мо таҳлили термодинамикии раванди хлоркунонии сулфидҳои сурма бо хлоридҳои натрий ва калсий, инчунин дигар реаксияҳои ҳамроҳро, ки мувофиқи муодилаҳои дар ҷадвал оварда шудаанд, анҷом додем. Барои ҳисоб кардани хусусиятҳои термодинамикии равандҳо, арзишҳои стандартии ҷузъҳои дар реаксияҳо иштироккунанда истифода шуданд.

Маълумотномаҳои термодинамикии ба даст омадаи равандҳои асосӣ ҳангоми хлоркунонии консентрати сулфиди сурма бо хлориди натрий ва калсий дар ҷадвали 1 оварда шудаанд. Барои он ки таҳлили муқоисавии маълумотдиҳии термодинамикии равандҳо дода шавад, маълумотҳо ба як мол реактив аз нав ҳисоб карда шуданд.

Ҷадвали 1. – Маълумоти термодинамикии равандҳои сӯзонидани хлорронии консентрати сулфидии сурмадор (ΔH^0 и ΔG^0 дар кҶ/мол; ΔS^o ва Δc_p^o дар кҶ/молК)

№	Муодилаи раванд	$-\Delta H^0$	$-\Delta S^o$,	$-\Delta c_p^o$	$-\Delta G^0$,
1	$Sb_2S_{3(т)}+6NaCl_{(т)}+6O_{2(g)}=3Na_2SO_{4(т)}+2SbCl_{3(т)}$	2300,7	1028,5	2,3	1994,7
2	$Sb_2S_{3(т)}+6NaCl_{(т)}+6O_{2(g)}=3Na_2SO_{4(т)}+2SbCl_{3(g)}$	2164,1	720,7	-	1949,6
3	$2Sb_2S_{3(т)} + 9O_{2(g)} = 2Sb_2O_{3(т)} + 6SO_{2(g)}$	1441,8	219,4	24,1	1376,4
4	$Sb_2S_{3(т)} + 5O_{2(g)} = Sb_2O_{4(т)} + 3SO_{2(g)}$	1640,7	335,8	35.9	1540,5
5	$2NaCl_{(т)} + SO_{2(g)} + O_{2(g)} = Na_2SO_{4(т)} + Cl_{2(g)}$	133,9	112,4	4,1	100,4
6	$2Sb_2O_{3(т)} + 6Cl_{2(g)} = 4SbCl_{3(т)} + 3O_{2(g)}$	55,2	134,4	43,4	15,15
7	$2Sb_2O_{3(т)} + 6Cl_{2(g)} = 4SbCl_{3(г)} + 3O_{2(g)}$	-81,2	-173,4	-	-29,5
8	$Sb_2S_{3(т)}+3CaCl_{2(т)}+6O_{2(g)}=3CaSO_{4(т)}+2SbCl_{3(т)}$	2523,9	1050,7	3,5	2211,0
9	$Sb_2S_{3(т)}+3CaCl_{2(т)}+6O_{2(g)}=3CaSO_{4(т)}+2SbCl_{3(г)}$	2387,5	742,6	-	2166,2
10	$6Sb_2S_{3(т)}+18CaCl_{2(т)}+39O_{2(g)}=18CaSO_{4(т)}+$	2563,3	1111,8	-	2232,0

	$6SbCl_{5(т)}+2SbCl_{3(т)}+2Sb_2O_{3(т)}$				
11	$6Sb_2S_{3(т)}+18CaCl_{2(т)}+39O_{2(g)}=18CaSO_{4(т)}+$ $6SbCl_{5(т)}+2SbCl_{3(г)}+2Sb_2O_{3(т)}$	2540,8	1060,5	-	2224,8
12	$6Sb_2S_{3(т)}+18CaCl_{2(т)}+39O_{2(g)}=18CaSO_{4(т)}+$ $6SbCl_{5(г)}+2SbCl_{3(т)}+2Sb_2O_{3(т)}$	2517,3	1010,8	-	2262,1
13	$6Sb_2S_{3(т)}+18CaCl_{2(т)}+39O_{2(g)}=18CaSO_{4(т)}+$ $6SbCl_{5(г)}+2SbCl_{3(г)}+2Sb_2O_{3(т)}$	2494,5	926,2	-	2211,5
14	$CaCl_{2(т)} + SO_{2(g)} + O_{2(g)} = CaSO_{4(т)} + Cl_{2(g)}$	342,3	232,2	8,6	273,1

Таҳлили қаблан баҳодиҳии термодинамикии реаксияҳое, ки ҳангоми хлоркунонии консентрати сурма ба амал меоянд, нишон медиҳад: эҳтимолияти баланди термодинамикӣ ва экзотермикии равандҳои баррасишаванда ба истиснои раванди № 7, ки эндотермик аст; бартарияти омили энталпия ҳамчун қувваи пешбарандаи раванд қариб дар тамоми диапазони ҳарорати тадқиқшуда мушоҳида мешавад; қиматҳои пасти энергияи Гиббс равандҳои 6 ва 7 аз сабаби таъсири муқоисашавандаи омилҳои энталпия ва энтропия дар рафти равандҳо дар шароити стандартӣ; таҳлили муқоисавии маълумотҳои термодинамикии реаксияҳои агентҳои хлоркунанда нишон медиҳад, ки нисбат ба хлориди натрий самаранокии хлориди калсий хубтар мебошад.

Муайян кардани маҳсулоти мутақобилаи консентрати фаъолгардидаи механикии сулфиди сурма бо хлориди натрий

Омодасозии шихта. Ашёи хоми қаблан майдашуда хлориди натрийро (дараҷаи химиявӣ, ГОСТ 4233-77) аз элаки 0,0025 микрон мегузаронем. Дар зарфи махсус бо асбоби омехтакунак ьажми муайяни консентрати механиконидашудаи сулфиди сурма ва хлориди натрийро 2,5 дақиқа омехта мекунем. Омехтаи ҳосилшуда барои сӯзонидан фиристода мешавад. Хлоркунонии шихта дар ду режим гузаронда мешавад: — дар қураи муфелӣ бе додани ҳаво таъмин карда шуд; — режими сӯзонидани оксидгардонии хлоронӣ дар қураи трубавӣ бо додани ҳаво таъмин карда мешавад.

Хлоронии шихта бе додани ҳаво ба таври зерин ба амал бароварда мешавад. Омехтаи консентрати сулфиди сурма бо хлориди натрий, ки дар косачаи сафолӣ баробар ҷойгир карда шудааст, дар қураи муфелӣ (СНОЛ) **ПЛ 5/12,5**, гузошта мешавад. Имконияти кории қура то ҳарорати 1400 ^oC мебошад.

Барои муайян кардани таркиби оптималии шихта ва шартҳои раванди хлоркунонӣ як қатор таҷрибаҳо гузаронда шуданд. Таҷрибаҳо дар шароити зерин гузаронида шуданд:


- дар ҳарорати гуногуни сӯзонидани намуна дар ҳудуди $T=300\div700^oC$ (бо афзоиши $\Delta T=50^oC$) ва таносуби доимии массаи консентрат ($м_1$, г) ва хлориди натрий ($м_2$, г), баробар ба $m_1/m_2=4/1$ ва вақти доимӣ ($\tau=120$ дақ.);
- дар ҳарорати якхела ($T = 450\ ^\circ C$) ва таносуби доимии ҷузъҳои омехта ($м_1/м_2 = 4/1$), аммо бо вақтҳои гуногуни нигоҳдорӣ барои сӯзонидани хлоронии намуна (τ, дар дақиқаҳо) аз 30 то 210 дақиқа, бо афзоиши $\Delta\tau = 30$ дақиқа.;
- дар таносуби гуногуни ҷузъҳои омехта ($м_1/м_2$) ва ҳарорати доимӣ ($T=450°C$) ва вақти нигоҳдории доимӣ ($\tau=120$ дақ.).

Таркиби фазавии маҳсулоти конденсатшудаи сӯзонидани хлорронии консентрат тавассути таҳлили фазавии рентгенӣ (Дрон-3,0 Cu-анод; Ni-филтр) муқаррар карда шудааст ва асосан аз $SbCl_3$-49,55% ва Sb_2O_4-25% вазни масса иборат аст ва маҳсулоти ҳосилшуда ба осонӣ коркард карда мешавад ва аз ҷиҳати технологӣ фоиданок мебошад. Нуқтаи оптималии сӯзонидани хлориронии консентрати сулфидии сурмадор муайян карда шуд: T = 450^0C, t = 120 дақиқа ва 25% NaCl дар омехта. Дар ин шароит консентрати сулфидии сурма аз шакли сулфидӣ ба шакли хлориди ва қисман ба шакли оксидӣ мубаддал гардид.


Барои муайян кардани асосҳои химиявии равандҳое, ки дар фазаи гази системаи оксиди-хлоронӣ ба амал меоянд, таҷҳизотҳои зерине, ки дар расми 3 нишон дода шудааст васл карда шудааст. Раванди сӯзонидан дар қураи Nabertherm RT 50-250/11/B410 гузаронида шуд бо додани ҳаво. Раванди кории қура то ҳарорати 1100 °C -ро ташкил медиҳад, қураро ҳам ба шакли уфуқӣ ва ҳам ба шакли амудӣ ҷойгир карда мешавад.

Консентрат дар шароити оптималӣ, дар режими бе таъминоти ҳаво сӯзонида шуд. Ҳангоми расидан ба шароити муайян, ҳаво ба система бо суръати муайян ба 1 л/соат дода мешавад. Пайвастагиҳои сурма дар шакли сублиматсия мушоҳида мешавад, ки дар қисми сарди найчаи конденсатор ҷойгир мешаванд. Конденсат, ки дар шакли кристаллҳои тиллоӣ ба вуҷуд меояд, ҳангоми хунук шудан ранги сабзи тира мешавад. Маҳсулоти сӯзиши газ ба миқдори кам (SO_2 ва ғайра) дар абсорберҳо гирифта мешаванд.

Мувофиқи натиҷаҳои ТРФ, маҳсулоти асосие, ки ҳам ба шакли сахт ва сублиматсия дар сатҳи сарди конденсатор ҷойгир карда мешаванд, пайвастагиҳои сурма дар шакли хлорид ($SbCl_3$-49,55% вазн), оксид (сервантит Sb_2O_4-25%), окохлоридҳо (Sb_3O_4Cl), омехтаи оксидҳои сурма (Sb_2O_4, $NaSb_5O_{13}$) ва Na_2SO_4 мебошанд. Кристаллҳои конденсати ранги зард ҳосилшуда ҳангоми хунук шудан сабзи тира мешаванд. (Расми -3).



Расми 3. - Нақшаи васлкунии таҷҳизот барои гузаронидани тадқикоти сӯзонидани оксидкунандаи хлордор: 1 – қисми идоракунии қура; 2-қураи қубурии гардишкунанда; 3-лоточак бо шихта; 4- реактор барои сӯзонидан, 5- дастгоҳи пайвастшавӣ; 6-камераи ҷамъоварии барои чанг (конденсатор); 7-абсорбер




Расми 4. - Пиктограммаи консентрати сулфиди сурмаи сӯхташуда бо хлориди натрий.

Таъсири омилҳои асосӣ омӯхта шуд: ҳарорат, вақти раванди сӯзиш ва таносуби массаи реагенти хлориди натрий ба массаи консентрат ба суръати раванди сӯзонидани хлоридии оксидгардонии қаблан механикӣ фаъолгардонидаи консентрати сулфидии сурма бо хлориди натрий. Тадқиқи таъсири омилҳои ҷудогонаи болозикр ҳангоми доимӣ будан дар раванди хлоронии сӯзиш дар дараҷаи ҳосилкунии пайвастагиҳои сурма бо шарикии ҳаво ба роҳ монда шуд. Дар ҷадвали 2 натиҷаҳои тадқиқоти вобастагии дараҷаи пайдоиш ва истихроҷи пайвастагиҳои сурма ба таркиби шихта ҳангоми хлоркунонии консентрати сурма оварда шудааст.

Ҷадвали 2. – Вобастагии дараҷаи истихроҷи хлориди сурма (α, %) аз ҳарорат бо таркиби шихтаи доимӣ ($m_1=m_2=4/1$) ва вақти доимӣ (t =120 мин.)

№	X,^{0}C	α, %	№	X,^{0}C	α, %	№	X,^{0}C	α, %	№	X,^{0}C	α, %
1	100	14,9	4	250	29,4	7	400	44,9	7	550	50,9
2	150	20,1	5	300	33,7	8	**450**	**49,5**	8	600	51,0
3	200	25,4	6	350	35,1	9	500	50,0	9	650	52,1

Вобастагии ҳосилнокии хлориди сурма (α, %) аз таркиби шихта (а), ҳарорат (б) ва вақти сӯзиш (в) дар расми 5 нишон дода шудааст.



Расми 5. – Графики вобастагии ҳосилнокии SbCl3 аз таркиби шихта (а), ҳарорат (б) ва вақти сӯзиш (в)

Вобастагии ҳосилшавии хлориди сурма (α, %) дар вақти сӯзишӣ консентрат (расми 5) нишон медиҳад, ки таркиби оптималии шихта таносуби m_1/m_2= ¼ (расми 5 (а)); вобастагӣ аз ҳарорати раванд нишон медиҳад, ки то ҳарорати 450°С ҳосилшавии хлориди сурма (α = 49%) тез мешавад ва дар ҳарорати баландтар суст мешавад (расми 5(б)). Мумкин аст, ки дар 450°С раванди сӯзонидани консентрат ва оксидшавии пайвастагиҳои сулфур оғоз гардад; вобаста ба вақти сӯзиши шихта (расми 5 (в)) дида мешавад, ки вобастагӣ аз се давра – ибтидоӣ, асосӣ ва ниҳоӣ иборат аст. Давраи аввал (то 90 дақиқаи вақти нигоҳ доштан ҳангоми сӯзиши шихта) бо андаке зиёд шудани истихроҷи хлориди сурма дар ҳудуди Δα= 10% мушоҳида мешавад. Давраи асосӣ бо ҳосили назарраси маҳсулот (Δα = 30%) дар давоми 90-120 дақиқа ба даст оварда мешавад. Қайд кардан мумкин аст, ки дар баробари баланд шудани ҳарорати сӯзиш давраи ибтидоии раванд васеъ шуда, давраи асосӣ хеле зиёд мешавад, инчунин афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти асосӣ - хлориди сурма меафзояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки шартҳои оптималии раванди сӯзиши консентратӣ ба таври механикӣ фаъолшудаи сулфиди сурма бо хлориди натрий, ки барои ба даст овардани дараҷаи максималии истихрочи сурма имконият медиҳанд инҳо мебошанд: таркиби омехта ($m_{консентрат}/m_{NaCl}$=4/1), ҳарорати максималӣ 450 ° С ва дар муддати 120 дақиқа.

Таҳлили ренгенофазавии маҳсулоти сӯхташуда - сӯхта (маҳсулоти сахт) ва конденсат, таҳлили химиявии моддаҳои газие, ки дар шароити оптималӣ ба даст оварда шудаанд, имкон дод, ки баланси моддии раванди сӯзонидани консентрат тартиб дода шавад. Натиҷаи

таҷрибаҳо оид ба муайян кардани таркиби сурма ва сулфур дар маҳсулоти сӯхташуда дар ҷадвали 3 оварда шудаанд. Барои ҳисоб кардани баланси моддӣ намунаи беҳтарини ҳамаи намунаҳои омӯхташуда гирифта шудааст.

Ҷадвали 3. – Миқдори сурма аз рӯи пайвастагиҳо (ваз. %) дар сӯхта (маҳсулоти сахт) (а) ва фазаи газ (б)

Sb_2O_4	$SbCl_3$	$Sb_4O_5Cl_2$	$Na_2Sb_4O_7$	Миқдори умумии сурма		Баъд аз сӯзиш
20,54(а)	26,31(а)	4,0(а)	8,3(а)	59,16 (а)	40,85 (б)	100
Миқдори пайвастагии сурма (в) ва сулфур (г) дар маҳсулоти сӯзиши оксидгардонӣ-хлоронӣ						
Дар сӯхта(маҳсулоти сахт) (в)				Дар конденсат(в)		сулфур дар сӯхта (маҳсулоти сахт),% аз асл
20,54	26,31	4,0	8,3	40,25		0,6

Раванди хлорронии сӯзонидани ба таври механикӣ фаъолгардонидашудаи консентрати сулфидии сурма бо хлориди калсий

Тадқиқотҳои сершумор нишон доданд, ки раванди коркарди минерал ва маъданҳо инчунин ҳосил кардани як қатор металлҳо - сурма, молибден, мис ва никелро бо усули хлоронӣ бо хлориди натрий ва калий гузарондан мумкин аст. Нишон дода шудааст, ки раванди хлорронӣ дар ҳарорати нисбатан пасти T=450-500^{0}C бо гузаштани пайвастагиҳои сулфур ба шаклҳои оксид ва хлорид ба амал меояд.

Мо барои дарёфти шароитҳои оптималии коркарди консентратҳои сулфиди сурма дар конҳои Ҷиҷикрут-и ҶДММ ТА «КМ «Анзоб» бо усули сӯзонидани хлоронӣ бо хлориди калсий (дараҷаи кимиёвии ГОСТ 4234-77) як қатор тадқиқотҳо анҷом додем.

Таҳқиқот бо аналогия бо хлориди натрий гузаронида шуд. Массаи умумии шихта 6г бо роҳи омехта кардани микдори муайяни консентрат ва хлориди калсий дар таносуби додашуда ҳосил мешавад. Таъсири се омили асосӣ: ҳарорат, вақт ва таркиби шихта (таносуби массаи консентрат ва реагент) чунин омӯхта шуд:

а) - дар ҳарорати гуногуни сӯзонидани намуна дар ҳудуди T=250÷600^{o}C (бо афзоишӣ ΔT=50^{o}C). Таносуби массаи консентрат (m_1, г) ба массаи хлориди калсий ($м_2$, г), баробар ба m_1/m_2= 4/2 ва вақти нигоҳдории шихта, баробар ба τ=120 дақиқа.) бетағйир мемонад;

б) - бо тағйир додани мӯҳлати нигоҳдории сӯзиши намуна (аз 30 то 240 дақиқа, бо афзоиши Δτ=30 дақиқа) ва ҳарорати доимӣ (T=450°C) ва таносуби доимии таркиби шихта (m_1/m_2=4/2);

в) - дар таносуби гуногуни таркиби шихта (m_1/m_2) ва ҳарорати доимӣ (T=450°C) ва вақти нигоҳдорӣ (τ=120 дақ.).


